**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ дар мавзуи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025).**

Истиқлолияти давлатӣ шароит ва имконияти мусоидро барои ташкили давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овард. Пас аз ба даст овардани соҳибихтиёрии комил ва бунёди давлати мустақил, бо ташаббус ва роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конститутсияи замони соҳибистиқлолии мамлакат қабул гардид ва дар асоси меъёрҳои он Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардид. Бояд ёдовар шуд, ки яке аз аломатҳои хоси давлати ҳуқуқбунёд, мавҷудияти шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла қонунгузор, иҷроия ва судӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари дигар шохаҳо нақши ҳокимияти судӣ дар амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини баробарӣ ва таҳкими қонунияту адолат басо назаррас аст. Воқеан, нақши судро дар муҳити ҷамъиятӣ нодида гирифтан ғайриимкон аст. Чунки тамоми ҷабҳаҳо ва соҳаҳои ҷомеаи муосир бо фаъолияти судӣ алоқамананд. Дар марҳилаи муосир доктринаи ҳуқуқи судро яке аз дастовардҳои муҳимтарини тамаддун мешуморанд, ки қисми таркибии ҳаёти мардум

гардидааст. Зеро ҳокимияти судӣ низоми сиёсии таърихан муқарраршуда буда, адолати иҷтимоиро таъмин менамояд.

Инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав дар ҷомеа ва эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ боиси ба амал баровардани ислоҳоти судӣ дар кишвар гардид. Ислоҳоти судӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии фаъолияти судҳо, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин самт равона гардидаанд. Ислоҳоти судӣ дар ҶТ аз соли 1991 оғоз гардида, то ба ҳол корҳои зиёде дар ин самт, ба анҷом расидааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлат муайян шуда, дар таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши муҳим гузошт. Бо ин назардошт, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти муаллиф дар шароити муосир мубрам ба ҳисоб меравад.

Бо ташаббус ва роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021) қабул карда шуд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим доранд. Ба натиҷаҳои мусбат нигоҳ накарда, ислоҳоти судӣ дар кишвар давом дорад, чунки дар фаъолияти мақомоти судӣ то ҳол базе масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд. Дар шароити имрӯза тезонидани ислоҳоти судӣ ба яке аз масоили муҳимтарини сохтмони давлатӣ табдил ёфтааст.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти судӣ дар партави ислоҳотҳои судӣ муҳим ба назар мерасад. Сарфи назар аз натиҷаҳои муайяни мусбати ислоҳоти судӣ, баҳсу мунозираҳо дар атрофи масоили ислоҳоти низоми судӣ кам нестанд ва баъзе аз муҳимтарин ғояҳои ҳуқуқӣ то ҳанӯз аз ҷиҳати назариявӣ дуруст таҳия нашуда, дар амал татбиқ нагардидаанд. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода М.З. мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари тахқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат холӣ нестанд. Бе тардид, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст фаррох истифода бурда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа баҳри танзими заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Ба мақсад мувофиқ буд, ки муаллиф дар баробари барномаҳоиислоҳоти судӣ дигар барнома ва консепсияҳое, ки дар умум ба сиёсати ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медод.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф таъсир нарасонда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, рисоланавис ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Насриддинзода Э.С.**

Имзои Насриддинзода Э.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус **Тавқиев Э.**

04-феврали 2025

ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10 Факс: (+992-37) 227-15-10 Email: info@tnu.tj